# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба дисссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи корре急сионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни рисолаи илмии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.03- Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия), *банди 2* -Таҳлил ва пешгӯии рушди низоми таълиму тарбияи кӯдакони дорои нуқсонҳои гуногуни инкишоф; *банди 5* – Таҳияи технологияҳои педагогӣ барои муайян кардани мазмуни талаботи махсуси таълимии кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои нуқсонҳо гуногуни инкишоф мувофиқ мебошад.

**Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Ҷиҳати пешбурди босамари илму маориф дар мамлакат ба мушкилот ва дурнамои иттилоотикунонӣ, ки ҳамчун самти асосии навсозӣ ва масъалаи асосии дурнамои рушди соҳа маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати давлатӣ дар самти таҳсилот як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ таҳияву қабул гардидаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, ва ғайра.

Дар такя ба мазмуну муҳтавои Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Мирзоева Савригул Давлатқадамовна мавзуи

мазурро интихоб намудааст, зеро ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки дар кӯдакистонҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, ки ин ба амалигардии ҳуқуқҳои онҳо барои гирифтани таҳсили босифат дар шароити дорои маҳдудияти ҳадди аққал мусоидат хоҳад кард.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки масъалаи истифодаи технологияи ғайрианъанавӣ дар дарси омӯзиши забони модарӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон, омӯзгорон ва нуқсоншиносон қарор дорад, ки дар рисола кӯшиш ба харҷ додааст, ки нуқсони нутқи хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоиро ба воситаи истифодаи технологияи ғайрианъанавӣ таҳқиқ намояд. Зеро такя намудан танҳо ба усулҳои анъанавии таълим, тобеияти ғайрифаъоли хонанда ба азхудкунии маводи пешниҳодшуда ин масъаларо дигар ҳал карда наметавонад.

Таҳқиқи масъалаи истифодаи корҳои ислоҳиро дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ Б.Маҷидова, М. Дадабоева оид ба хусусиятҳои ташкилию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷ.Ҳакимова, хусусиятҳои дидактикии ташкили фаъолияти таълимӣ дар шароити таҳсилоти фарогир, Т.М. Ҳақназаров, ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ, Д.Салямова, заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он ва дигарон зикр бояд намуд.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ истифодаи технологияи ғайрианъанавӣ дар дарси омӯзиши забони модарӣ, ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар фаъолгардонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими забони модарӣ, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои истифодаи бозиҳои таълимӣ ва машқҳои ислоҳиро барои бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари хешро иброз намояд.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо.**

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар фаъолгардонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими забони модарӣ;
- истифодаи бозиҳои таълимӣ ва машқҳои дамгирӣ барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқӣ

- банақшагирии машқҳои ислоҳии дарсҳои ғайриаънанавӣ дар низоми таълими забони модарӣ

- машғулиятҳои мустақилонаи логопедӣ бо тариқи фардӣ, ҷуфтӣ ва гуруҳӣ.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажуҳиш такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ таҷассум меёбад.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти илмии рисолаи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна бо он арзёбӣ мегардад, ки:

- барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ омода намудани накшаҳои дарсӣ тартиб дода шуд;

- дар асоси барномаҳои таълимии фанни забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ муқоисаи дарсҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба таълими фаъол ва бо назардошти ислоҳи нуқсонҳои нутқ гузаронида шуд;

- байни хонандагон усули худназораткунӣ, ҳамдигарпурсӣ ва арзёбӣ барои бе нуқсон муошират кардан омӯзонида шуд;

- ислоҳи нуқсони нутқ бо воситаи ҷадвалҳо усули медонам, донистам ва донистан мехоҳам ба роҳ монда шуд.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” мубрам буда, ошкор сохтани мавқеи муассисаи таълимӣ ва оилар о дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мақсад гузоштаст.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти мазкур** аз он иборат аст, ки:

- ҷанбаҳои омодасозии хонандагони нуқсони нутқ доштаи таҳсилоти ибтидоӣ ва гузаронидани машқҳои логопедӣ бо истифода аз усулҳои ғайрианъанавӣ дар дарсҳои забони модарӣ таҳия карда шуданд;

- истифодаи бозиҳо ба воситаи машқҳои логопедӣ дар дарсҳои ғайрианъанавии забони модарӣ ба роҳ монда шуд;

- мутахассисон тавассути бозиҳои логопедӣ нуқсони нутқии ва

хонандагонро ислоҳ намоянд, сифати таълимро баланд бардоранд,

- дар фаъолияти таълими ангезаҳои зеҳн, гурӯҳбандӣ, омода кардани саҳнача (бозиҳои нақшофарӣ) арзёбӣ ва худбаҳодиҳиро инкишоф диҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои бе нуқсон муошират намудан таҳияи ҷанбаҳои педагогии омӯзгорони ояндаи таҳсилоти ибтидоӣ тавассути гузаронидани дарсҳои забони модарии ғайрианъанавӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, дар омӯзиши дурусти пажӯҳиши назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои пажӯҳиш; дар истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш; дар ташкилу баргузории пажӯҳиши озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқарраротӣ кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳияи воситаҳои ташхис инъкос меёбад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо методологияи дидгоҳи системавӣ; консепсияи миллии ташхиси педагогӣ; такя ба методҳои назариявӣ ва эмпирики таҳқиқот; таҳлили шароит ва натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – озмоишӣ; тасдиқи муқаррароти дар фарзия пешниҳодшуда ва ғояи пешбари таҳқиқот; маҷмӯи методҳое, ки ба вазифаҳои ҳар як марҳалаи таҳқиқот мувофиқанд; таҷрибаи шахсии кор ба сифати педагог таъмин мегардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дастури таълимӣ, маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, маҷмуаҳои маводҳои конфронсҳо иъникос ёфтааст. Онҳо аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, 1-дастури таълимӣ, 30-мақола баён гардиданд аз ҷумла 5-тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардан КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 24 мақолаҳои илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ нашр гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 185 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати адабиёт (234 номгӯй) иборат буда, дар он 9 ҷадвал, 2 диаграмма, 1 расм, 11 нақша 5 зонд истифода шудааст. Рисолаи илмӣ инчунин, хулоса, ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби якум "Асосҳои назариявии инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар шароити таълими инклюзивӣ"** таҳлил карда шудаанд. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки сиёсати навини давлатӣ дар соҳи маориф, махсусан дар тарбияи насли наврас хеле муҳим буда, дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд Ба таҳсил фаро гирифтани хонандагони нуқсонҳои нутқдошта дар машғулиятҳои махсуси истиноӣ ва ҳам дар машғулиятҳои умумифаннӣ амалӣ мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқ Мирзоева Савригул Давлатқадамовна мувофиқи синну сол, шароити мувофиқ барои инкишоф, ташаккули шахсияти комил, гирифтани маълумоти дуруст вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар айни замон талабот баислоҳи нуқсони лакнатзабонии кӯдакони синни томактабӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Чуноне, ки таҳқиқотҳои анҷомдодаи Л.С.Виготский, А.К.Маркова ва дигар муаллифон дар ин самт нишон медиҳад, имкони сохтани баёнияи муттаҳид, ки бо як андеша асос ёфтааст, ба пайдоиши функсияи танзимкунанда, банақшагирии нутқ дар таҳсилоти ибтидоӣ алоқаманд аст. Инчунин, фаъолияти пешбарандаи кӯдакони синни ибтидоӣ таълим ба ҳисоб меравад. Дар такя аз чунин заминаҳои назариявӣ унвонҷӯ тасмим гирифтааст, ки дар ислоҳи нуқсони нутқӣ аз истифода технологияи ғайранъанавӣ истифода намояд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дарси ғайрианъанавӣ асосан бо ҳамкории омӯзгорону ХННД оғоз шуда, онҳо дар таҳсилоти ибтидоӣ дар шакли кор дар ҷуфтҳо, дар гурӯҳҳои хурд ва ҳам гурӯҳҳои калон ташкил карда мешаванд. Бартарии кор дар ҷуфтҳо ва гурӯҳҳои хурд ҳамин аст, ки хонандагон новобаста аз маҳдудияти худ фикру андешаҳояшонро озод баён мекунанд, аз якдигар меомӯзанд, роҳу усулҳои бартарафсозии проблемаҳоро дар рафти муколама, муҳокимаю мубоҳиса хуб мефаҳманд, аз худ менамоянд.

Албатта, ислоҳ намудани нуқсони нутқ аз тарафи логопед О.С. Рудик истифода бурда мешавад. Машғулиятҳо бояд бо усули фардӣ, гурӯҳӣ, ва гурӯҳи ҷузъӣ гузаронида мешавад. Барои гузаронидани машғулиятҳои фардӣ ба ҳар як хонанда 15 - 20 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Давомнокии машғулиятҳои гурӯҳи 45-дақиқа муқаррар карда мешавад. Гузаронидани машғулиятҳои гурӯҳи ҷузъӣ бо давомнокии то 30 – 35 дақиқа иҷозат дода мешавад. Мо дар таҳқиқоти

худ тасмим гирифтем, ки на ҳамчун логопед, балки ҳамчун омӯзгори таҳсилоти ибтидоӣ дар МТУ-и дарсҳои забони модарӣ, ки дарс 35-45 дақиқаро дарбар мегирад, мондани талафузи ҳарфҳоро ба мавзуъ мувофиқ намоянд.

Дар рисолаи илмӣ шароити педагогӣ, ақидаҳои М. Лутфуллоев, И. Абдуллоев ва М.Ҷалиловаро тарафдорӣ намуда, барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ташкилу баргузории кори фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ, ҳамкорӣ намудани ХННД дар дарсҳои таълими забони модарӣ сайқал диҳем. Инчунин, кӯшиш намудем барои шавқовар гузаронидани дарс гурӯҳҳоро тавре ташкил намоем, ки дар баробари аз худ кардани маводи таълимӣ машқҳои логопедӣ, махси логопедӣ ба онҳо дастрас бошад.

Боби дуюми диссертатсия **“Шароитҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони имкониятașон маҳдуд дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилотӣ** аз се фасл иборат мебошад.

Дар боби мазкур муҳаққиқ қайд менамояд, ки барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ логопед ба муаллим оиди усули кор барои мустаҳкам намудани малакаву маҳорат дар синф дастур медиҳад. Бо мақсади санҷидани имкониятҳои инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии кӯдакон логопед бояд дар дарсҳо ва машғулиятҳои тарбиявии муаллим иштирок намояд. Логопед талаботи барномаи таълимӣ, усул ва тарзи омӯзиши забони модариро бояд хуб донад ва дар фаъолияти худ ба назар гирад.

Барои ислоҳи нуқсонҳои нутқи хонандагоне, ки дар талаффузи ҳарфҳо ва овозҳо душворӣ мекашанд, кор бурда мешавад. Намунаи машқҳо барои ҳар як овоз, инчунин калимаҳои дорои ҳиҷоҳои пӯшида ва кушода, ҷумлаҳо, мақолҳо, афсонаҳо, расмҳои семантикии пайдарпай ва шеърҳо оварда шудаанд.

Унвонҷӯ Мирзоева С.Д. оид ба ба нақшагирии назариявии истифодаи технологияи интерактивиро дар мактаби маълумоти умумӣ андешаронӣ, намуда, қайд менамояд, ки истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар робита ба баҳодиҳии сифати таълимро ба таври мухтасар таҳлил карда шавад. Б.Зоолишоева, асоснокии гузаронидани дарсҳои ғайристандартӣ дар тадқиқоти психологию педагогӣ дида баромада, истифодаи онро яке аз шаклҳои ташкили таълиму тарбияи хонандагон меҳисобад. Дарсҳои ғайрианъанавӣ на танҳо барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон, балки барои маҳорати касбии худи омӯзгор ва коллективи педагогӣ вобаста буда, фаъолияти хонандагонро ба ҳаёт наздик месозанд.

Дар боби сеюм **“Нақши бозиҳои логопедӣ дар фаъолгардонии**

**хонандагони дорои нуқсонҳои нутқи таҳсилоти ибтидоӣ бо истифода аз технологияи ғайрианъанавии таълими забони модарӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб унвонҷӯ ақида меронад, ки истифодаи шаклҳои шавқоваркунандаи раванди таълим (дарс, муколама, маҳзар ва ғайра) дар дидактика нав нестанд ва мутаассифона онҳоро омӯзгорон на танҳо номи махсус надода буданд, балки кам истифода мебурданд.

Талабот ба дарси забони модарӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси психологии ХННД асос ёфтааст. Яке аз онҳо аз худ намудан ва мустаҳкамкунии фанни омӯзишӣ дар хотир нигоҳ доштани машқҳои логопедӣ, ҳангоми истифода аз аёният осон мегардад. Ҳангоми якрангӣ дар кори таълим раванди азхудкунӣ душвор мегардад, ё ки тамоман боздошта мешавад. Дар ҳолати якрангии дарс ислоҳ намудани нуқсони нутқ душвор мегардад. Махсусияти инкишофи фикррониии хонандагон чунон аст, ки вай аз мушаххас ба муассир ХННД ба абстрактӣ (дар наврасон) инкишоф меёбад. Худи “табиати кӯдак” чуноне ки К. Д.Ушинский мефармояд, бо истифодаи аёният ташкил кардани раванди таълимро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар таҳсилоти ибтидоӣ ҳамин хусусият роиҷ аст. ХННД он чизеро, ки бо чашм мебинанд, дар хотири онҳо хубтар ва дуру дароз накш мебандад. Аз ин ҷониб, унвонҷу истифодаи аёниятро дар ҳар як дарси забони модарӣ барои корҳои ислоҳӣ истифода бурда мешавад.

Махсусан, аз китоби дарсии “Асосҳои таълими ибтидоии забони модари”-и М. Лутфуллоев бозиҳоро барои хонандагони таҳсилоти ибтидоии синфҳои I- II ҳамчун бозиҳои дидактикӣ мувофиқи барнома пешниҳод менамояд. Мақсади ин бозиҳои дидактикӣ инкишофи нутқи хонандагон ва бой гардонидани захираи луғавӣ буда, муаллимро мебояд дар ҳамкорӣ бо ХННД ба гурӯҳҳо онҳоро ҷудо намуда, барои бозӣ саволҳо мувофиқи нуқсони нутқашон пешниҳод намоянд. Аломату категорияҳои калимаҳо, дуруст муайян намуда бозиро оғоз мекунад. Гурӯҳҳоро ба ҷуфтҳо ҷудо карда, як гурӯҳ ғалатҳои гурӯҳи дигарро ислоҳ мекунад. Масалан, нодуруст навистани калима ва иваз кардани ҳарфҳо дар навишт ва ғайра.

Дар натиҷаи таҳқиқоти ташхисӣ, ки бо истифода амсилаи гузаронида шуд, чунин бармеояд, ки гузаронидани дарсҳои ғайрианъанавӣ шакли асосии машқҳои логопедӣ буда, онро дар дарсҳои таълими забони модарӣ, дар МТМУ раванди тибқи талаботҳои барномавӣ истифода бурдан самаранок аст.. Машқҳои логопедӣ ҷузъи таркибии намуди фаъолиятҳо буда, он дар дарсҳои таълими забони модарӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ бо мувофиқият истифода бурда мешавад. Истифодаи чунин машқҳо маҳорату малакаи

хонандагонро баланд бардошта ва қобилияту истеъдоду эҷодии хонандагонро дар дарс ва берун аз дарсҳо инкишоф дода нуқсони нутқ ислоҳ карда мешавад.

Ҷолиб он аст, ки натиҷаҳои ташхис нишон дод, ки баъди истифодаи машқҳои логопедӣ барои инкишоф додани тафаккури зеҳнӣ, истифодаи аёният дар инкишоф додани қобилият, бозиҳои эҷодӣ барои инкишоф додани захираи луғавӣ гузаронидани сатҳи дарсҳои ғайрианъанавӣ бештар дар сатҳи баланд нишон дода шуд.

Дар умум, диссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйиихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Агар унвонҷӯ дар боби якуми рисолаи илмӣ таҳқиқотҳои олимони ватаниро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ таҳлил намуда, нуктаҳои муҳими назарӣ ва амалии ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо дар муқоиса ба корҳои анҷомшуда васеътар кушода медод, натиҷаҳои таҳқиқот боз самараноктар мешуд.
2. Натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд, агар муаллиф бархе аз паҳлӯҳои таълими забони модариро дар синфи якум аз натиҷаи кор бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муфассалтар пешниҳод менамуд.
3. Бархе аз ақидаҳои муаллиф дар матни диссертатсия норавшан буда, қисме аз ҷумлаҳо ба таҳлили мантиқию услубӣ ниёз доранд. (саҳ.4,15,21,27,33).
4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд (саҳ.5,10,22,37,48,59,82,113,119,140,157).

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовнаро дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда

халалдор намекунад.

**Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Умуман, рисолаи илмӣ дар мавзуи "Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣба талаботи ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоева Савригул Давлатқадамовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илмҳои педагогӣ,
ҷонишини декан оид ба
таълими факултети физика,
математика ва информатикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ Меҳриддинзода Т.М.
31.10.2025

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдаки хиёбони С.Сафаров.16. Тел. (83322)2.35.06. Моб: 918989798; E-mail: thaknazarov@inbox.ru

*Имзои Меҳриддинзода Толиб Меҳриддинро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.